Вобаста ба иҷрои банди 1 нақша, ки ба имзо расонидани Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои маъюбон ва тасдиқи онро пешбинӣ менамояд, корҳои назаррас анҷом дода шуданд. Аз ҷумла, тибқи фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 феврали соли 2018, №1002 матни Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои маъюбон маъқул дониста шуда, намояндаи доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Созмони Милали Муттаҳид барои ба имзо расонидани он аз номи Ҷумҳурии Тоҷикистон ваколатдор гардидааст. Ҳамчунин гурӯҳи корӣ таҳлили ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва функсионалии ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба конвенсияи мазкур гузаронида, аз натиҷаи таҳлил ҳисоботи муфассал пешниҳод намуда буд. Корҳо дар самти мазкур идома доранд.

Тибқи банди 3 нақша анҷом додани чорабиниҳо ҷиҳати таъмин намудани мутобиқати фаъолияти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Принсипҳои Париж пешбинӣ шудааст. Вобаста ба масъалаҳои мазкур 20 декабри соли 2017 нақшаи мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон барои солҳои 2017-2020 тасдиқ шуд, ки дар он чорабиниҳои дахлдор то соли 2020 пешбинӣ гардидааст. Инчунин бо фармони Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон аз 19 октябри соли 2017, №143 гурӯҳи кории дахлдор дар ҳайати намояндагони Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон, Вазорати корҳои хориҷӣ ва Вазорати адлия ташкил шудааст.

Дар доираи банди 4 нақша андешидани тадбирҳо ҷиҳати ҳифзи занону кӯдакон ва дигар аъзои оила аз зӯроварӣ дар оила ва пешгирии зӯроварӣ дар оила ба нақша гирифта шудааст.

Дар самти мазкур Кумитаи кор бо занон ва оила пайваста дар байни аҳолӣ корҳои фаҳмондадиҳиро оид ба муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» ва Барномаи давлатии пешгирии зӯроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2023 анҷом медиҳад.

Ҷиҳати иҷрои зербанди 4.2 нақша вобаста ба ҳамоҳангсозии фаъолияти марказҳои ёрирасон, марказҳо ё бахшҳои офиятбахши тиббию иҷтимоӣ барои ҷабрдидагони зӯроварӣ кумита бо ҷалби мутахассисон аз муассисаҳои давлатии “Маркази ташаккули тарзи ҳаёти солим” ва “Маркази солимии репродуктивии аҳолӣ”-и назди Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи нақшаи дуҷониба барои зиёда аз 150 корманди маркази савдои “Садбарг” дар мавзӯи бемориҳои сироятӣ ва пешгирии зӯроварӣ дар оила вохӯрӣ ташкил ва баргузор намуд.

Вобаста ба иҷрои зербанди 4.5 нақша оид ба такмили ихтисоси кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва соҳаи тиб дар самти пешгирии зӯроварӣ дар оила ҷиҳати мукаммалгардонӣ дар шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои пилотии вилояти Хатлон давраҳои омӯзишӣ барои кормандони соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ гузаронида шуда, 272 мутахассиси соҳаи иҷтимоӣ омӯзонида шуд.

Аз ҷониби Донишкадаи омӯзиши масъалаҳои қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, ҷинояткорӣ ва такмили ихтисоси кормандони мақомоти

прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи нақшаи корӣ дар мавзӯи «Тарзу усули санҷиш ва тафтиши ҳолатҳои шиканҷа ва дигар муносибатҳои бераҳмона, принсипҳои тафтиш ва ҳуҷҷатгузории самаранокии ҳолатҳои шиканҷа тибқи стандартҳои Протоколи Истанбул» машғулиятҳо гузаронида шуд. Дар машғулиятҳои гузаронидашуда 99 корманди мақомоти прокуратура ҷалб гардида, ба онҳо дар мавзӯи «Конвенсия оид ба рафъи тамоми шаклҳои табъиз нисбати занон ва дар самти пешгирии зӯроварӣ дар оила» маърӯза карда шуд.

Банди 6 нақша андешидани тадбирҳоро ҷиҳати таҳкими сиёсати гендерӣ ва ҳифзи ҳуқуқи занон дар бар мегирад. Тибқи иттилои Кумитаи кор бо занон ва оила дар самти мазкур кори гурӯҳи корӣ оид ба такмил додани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ вобаста ба бартарафсозии қолабҳои гендерӣ, ҳифзи ҳуқуқҳои занон ва пешгирии зӯроварӣ дар оила фаъолият бурда истодааст. Инчунин ҷиҳати аз байн бурдани қолабҳои гендерӣ, баланд бардоштани мавқеи занон дар ҷомеа кумита аз имкониятҳои васеи воситаҳои ахбори омма, рӯзномаву маҷаллаҳо, барномаҳои телевизионӣ, нашр ва паҳни маводи тарғиботиву ташвиқотӣ, аз он ҷумла буклетҳо, брошюраҳо истифода менамояд.

Ҳамзамон, ҷиҳати гузаронидани мониторинги Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо" методология ва усулҳои гузаронидани мониторинг коркард гардида, то охири сол ҷамъбасти он ба нақша гирифта шудааст.

Ҷиҳати иҷрои зербанди 6.4 нақша кумита итттилоъ дод, ки дар шаш моҳи соли 2018 ба марказҳои иттилоотӣ- машваратии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ 37494 шаҳрванд муроҷиат намуданд, ки аз онҳо 7740 нафарро зан ва 4638 нафарро мард ташкил медиҳад. Аз ин шумораи муроҷиаткунандагон мавзӯи муроҷиати 498 нафарро масъалаҳои хушунат дар оила ташкил медиҳад. Инчунин 5044 нафар оид ба бастани ақди никоҳ дар САҲШ, 774 нафар оид ба бекор кардани ақди никоҳ,1492 нафар оид ба муқаррар кардани падарӣ ва 227 нафар оид ба тақсимоти молу мулк ва дигар масъалаҳо муроҷиат карданд.

Иҷрокунандаи аввали банди 7 нақша (фаъолгардонии кӯшишҳо ҷиҳати фароҳам овардани шароити корӣ барои занон, ҷавонон ва маъюбон) Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ мебошад. Тибқи иттилои вазорати мазкур дар соли 2018 16 санади меъёрии ҳуқуқӣ ҷиҳати татбиқи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардида, 9 лоиҳа дар марҳилаи мувофиқа бо вазорату идораҳо қарор дорад. Бо мақсади аз байн бурдани маҳдудият дар самти ҳуқуқ ба меҳнат, бахусус барои занон ва ҷавонон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 апрели соли 2017, №179 «Дар бораи тасдиқи Рӯйхати корҳое, ки дар онҳо истифодаи меҳнати занон манъ карда мешавад ва ҳадди ниҳоии меъёри борҳоеро, ки барои занон дастӣ бардоштан ва кашондани онҳо иҷозат дода мешавад» ва аз 4 марти соли 2014, №169 «Дар бораи Рӯйхати корҳои шароиташон зараровар ва хатарнок, ки ба истифодаи меҳнати ашхоси аз

18-сола хурд иҷозат дода намешавад ва ҳадди меъёрҳо ҳангоми дастӣ бардоштан ва кашонидани борҳо» амал намуда, татбиқи онҳо тахти назорат қарор доранд. Дар нимсолаи аввали соли 2018 оид ба ҳолати риояи қонунгузории соҳа фаъолияти 984 субъекти хоҷагидор мавриди санҷиш қарор гирифт, ки аз онҳо 762 санҷиши нақшавӣ, 202 санҷиши ғайринақшавӣ ва 20 санҷиши такрорӣ мебошанд. Дар натиҷаи ҳамаи назорату санҷишҳо 3876 қонунвайронкунӣ ошкор гардид, ки аз ин 2883 ҳолат ба масъалаҳои меҳнат, 719 ҳолат ба масъалаҳои бехатарии меҳнат ва риояи стандартҳо, 71 ҳолат ба масъалаҳои муҳоҷират ва 203 ҳолат ба масъалаҳои шуғл иртибот доранд (1930 ҳолат ба ташкилотҳои давлатӣ ва 1946 ҳолат ба ташкилотҳои ғайридавлати мувофиқ меоянд).

Ҷиҳати иҷрои банди 8 нақша, ки фаъолгардонии кӯшишҳо ҷиҳати мубориза бо шиканҷаро пешбинӣ мекунад, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ахбор дод, ки дар нимсолаи якуми соли 2018 ҷиҳати баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ 59 чорабинии иттилоотӣ тавассути васоити ахбори омма баргузор карда шуд. Бо мақсади баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ кормандони Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон якҷо бо кормандони сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлия 24 январи соли 2018 дарси омӯзишӣ гузарониданд. 30 апрел ва 2 майи соли 2018 аъзои гурӯҳи мониторингии назди Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар шуъбаҳои Вазорати корҳои дохилӣ дар ноҳияҳои Муъминобод ва Ховалинг дар мавзӯи «Ҳуқуқҳои дастгиршудагон ва пешгирӣ аз шиканҷа» мизи мудаввар гузаронид. Гурӯҳи мониторингии мазкур дар муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида ҷиҳати муайян намудани вазъи риояи ҳуқуқи шахси аз озодӣ маҳрумшуда, ҳуқуқ ба озодӣ аз шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ба ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф ва риояи ҳуқуқи беморони рӯҳӣ 7 маротиба мониторинг гузаронид. Аз ҷониби Прокуратураи генералӣ бо мақсади баланд бардоштани малакаи кормандони прокуратура мунтазам оид ба пешгирӣ намудани шиканҷа семинарҳо гузаронида мешавад. Дар маҷмӯъ дар соли 2018 150-то чунин чорабиниҳо баргузор гардиданд. Тибқи дастурҳои дохилӣ санҷишҳои мунтазам ва ногаҳонии мақомоти прокуратура оид ба қонунӣ будани нигоҳдории шаҳрвандон ва риояи ҳуқуқи онҳо дар ҷойҳои нигоҳдории муваққатӣ на камтар аз як маротиба дар 5 шабонарӯз гузаронида мешавад.

Дар иртибот бо иҷрои банди 9 нақша вобаста ба амалӣ намудани сиёсати давлатӣ дар ҷодаи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдакон Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар байни падару модарон ва хонандагон оид ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мунтазам корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида, рафти иҷрои қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» ва «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд»-ро зери назорати доимӣ қарор додааст. Дар ҳамкорӣ бо Вазорати корҳои дохилӣ барои пешгирӣ намудани ҳар гуна қонунвайронкуниҳо аз тарафи ноболиғон, хусусан хонандагони синфҳои 10-11 рейдҳо ва корҳои

фаҳмондадиҳӣ гузаронида шуданд. Дар назди раёсату шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо ситоди доимоамалкунанда таъсис дода шудааст, ки мунтазам бо падару модарон вохӯрӣ намуда, ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи маърифатнокӣ ва ҳуқуқии онҳо суҳбатҳо доир менамояд. Дар муассисаҳои таълимӣ ҷиҳати иҷрои талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ситод таъсис дода шудааст. Ташкили вохӯриву суҳбатҳо бо кумитаҳои падару модарон, коллективҳои омӯзгорӣ ва аҳли ҷамоатчигӣ дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳо ба роҳ монда шуда, нисбати иҷрои қонуни мазкур чораҳои зарурӣ андешида шудааст. Дар ҳамаи вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ бо иштироки раисони вилоят ва шаҳру ноҳияҳо, намояндагони кумитаҳои падару модарон, роҳбарияти муассисаҳои таълимӣ, омӯзгорони варзида машваратҳо доир гардиданд. Дар доираи дастури вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳияи дастур, роҳнамоҳо, гузаронидани соатҳои тарбиявӣ идома дошта, ҳамчунин гузаронидани курсу семинар ва чорабиниҳои таълимиву тарбиявӣ дар Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ва филиалҳои он дар нақшаҳои кории Вазорати маориф ва илм ва муассисаҳои тобеи он ворид карда шудааст. Нақшаи чорабиниҳои якҷояи Вазорати маориф ва илм бо Вазорати корҳои дохилӣ ва Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиш ба тасвиб расида, нисбати пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо дар байни кӯдакону наврасон ва ҷавонон кор бурда мешавад. Мунтазам байни хонандагони муассисаҳои таълимӣ ва волидайни онҳо бо иштироки намояндагони ҳифзи ҳуқуқ ҷиҳати риоя ва татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», пешгирии ҷиноятсодиркунию ҳуқуқвайронкунӣ, шомилшавӣ ба ҳизбу ҳаракатҳои террористию ифротгароӣ ва амсоли инҳо суҳбату вохӯриҳои судманд гузаронида мешаванд. Оид ба тарбияи оилавӣ, баланд бардоштани сатҳи дониши фарҳангӣ, психологӣ-педагогии падару модарон кормандони вазорат ва омӯзгорон дар ҳамкорӣ бо Кумитаи давлатии радио ва телевизион барномаҳои гуногуни радиоию телевизионӣ ташкил намуданд. Кормандони вазорат ва омӯзгорон, махсусан, дар барномаҳои «Ҳукм», «Муносибат», «Маърифат», ки дар атрофи иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» баҳсу мунозираҳо ба роҳ монда шудааст, ширкат намуданд.

Чорабиниҳои мушаххас вобаста ба пешгирии ақдҳои никоҳи бармаҳал дар банди 10 нақша пешбинӣ гардидаанд. Дар самти мазкур пайваста чорабиниҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида мешаванд. Фаъолияти Кумитаи кор бо занон ва оила дар самти мазкур таҳти назорати пайвастаи мақомоти прокуратура қарор дорад. Мувофиқи маълумоти Суди Олӣ дар нимсолаи аввали соли 2018 аз ҷониби судҳои ҷумҳурӣ дар маҷмӯъ 13282 парванда оид ба бекор кардани ақди никоҳ баррасӣ карда шуда, аз ин шумора 1347 адади он дар мурофиаҳои сайёри судӣ бо иштироки аҳолии шаҳру ноҳияҳо мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд.

Бо мақсади пешгирии зӯроварӣ нисбат ба кӯдакон, ки дар банди 11 нақша пешбинӣ шудааст, Прокуратураи генералӣ корҳои фаҳмондадиҳиро дар муассисаҳои таълимӣ ва дигар муассисаҳои нигоҳдории кӯдакон ташкил ва баргузор намуд. Баҳри амалигардонии талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» ва Барномаи давлатии пешгирии зӯроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2023 дар шаҳру ноҳияҳо аз тарафи прокурорҳо 1490 суҳбату вохӯрӣ, 199 баромад, 193 мизи мудаввар, 149 маротиба тавассути телевизион, 231 маротиба тавассути радио ва 272 маротиба дар матбуоти даврӣ баромадҳо намуданд. Бо натиҷаи санҷишҳои дар ин самт гузаронидашуда баҳри фавран бартараф намудани қонунвайронкуниҳо 2 пешниҳод ва ба ташкилоти корхонаҳо 4 амр ирсол карда, бо натиҷаи баррасии онҳо нисбати шахсони гунаҳгор 8 истеҳсолот дар бораи ба ҷавобгарии моддӣ кашидан, 130 парвандаи ҷиноятӣ, 379 парвандаи маъмурӣ оғоз карда шуда, ба санадҳои ғайриқонунӣ 6 эътироз оварда шудааст.

Вобаста ба мубориза бо шаклҳои бадтарини меҳнати кӯдакон ва манъи меҳнати маҷбурӣ, ки дар банди 12 нақша пешбинӣ шудааст, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ иттилоъ дод, ки дар натиҷаи гузаронидани санҷишҳо дар нимсолаи якуми соли 2018 истифодаи меҳнати 11 кӯдак ошкор ва бартараф карда шуда, чораҳои қонунӣ татбиқ гардиданд.

Вазорати корҳои дохилӣ ҳамчун иҷрокунандаи аввали банди 13 нақша вобаста ба масъалаҳои мубориза бо савдои одамон, аз ҷумла кӯдакон доир ба ҳолати содиршавии ҷиноятҳо дар самти мазкур дар панҷмоҳаи аввали соли 2018 дар қиёс бо ҳамин давраи соли 2017 чунин иттилоъ дод:

| № | Моддаи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Соли 2017 | Соли 2018 |
|---|---|---|---|
| 1 | Моддаи 130 (одамрабоӣ) | - | 3 |
| 2 | Моддаи $130^1$ (хариду фурӯши одам) | 11 | 14 |
| 3 | Моддаи $130^2$ (истифодаи меҳнати ғуломона | - | - |
| 4 | Моддаи 131 (ғайриқонунӣ маҳрум кардан аз озодӣ) | - | - |
| 5 | Моддаи 132 (ҷалби одамон барои истисмор) | 9 | 4 |
| 6 | Моддаи 167 (хариду фурӯши ноболиғон) | 9 | 9 |
| 7 | Моддаи $241^1$ (тайёр кардан ва муомилоти мавод ё предметҳои порнографӣ бо акси ноболиғон) | - | - |
| 8 | Моддаи $241^2$ (истифодаи ноболиғ бо мақсади истеҳсол намудани мавод ё предметҳои порнографӣ) | - | - |
| 9 | Моддаи $335^1$ (ташкили воридшавии ғайриқонунии шаҳрвандони хориҷӣ ё шахсони бешаҳрванд ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ё ташкили гузариши транзитии ғайриқонунӣ ба воситаи марзи Ҷумҳурии Тоҷикистон) | 1 | - |
| 10 | Моддаи $335^2$ (Ташкили муҳоҷирати ғайриқонунӣ) | 2 | 2 |
| 11 | Қисми 3 моддаи 339 (тасарруф ё вайрон кардани ҳуҷҷат, штамп, мӯҳр) | - | - |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 12 | Қисми 3 моддаи 340 (сохтакорӣ бо мақсади хариду фурӯш | - | - |
| Ҳамагӣ | | 32 | 32 |

Дар соли 2018 аз ҷониби Вазорати корҳои дохилӣ бо дастгирии Маркази кумак ва дастгирии қурбониёни савдои одамони Созмони Байналмилалии Муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз хориҷи кишвар 4 нафар баргардонида шуданд. Барои гирифтани кумак, тавонбахшӣ ва барқарорсозӣ 18 қурбонӣ ба маркази мазкур бозравонӣ шуданд. Ҳамаи қурбониёни савдои одамон дар рафти тафтишоти пешакӣ ва мурофиаи судӣ бо ҳимоягар таъмин карда шуданд.

Ҳамчунин бо мақсади амалигардонии талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кумак ба қурбониёни савдои одамон» санадҳои меъёрии зерқонунии дахлдор таҳия гардида, дар ҷараёни мувофиқа қарор доранд.

Андешидани тадбирҳо вобаста ба мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи нашъадор дар банди 14 нақша пешбинӣ шуда, Агентии назорати маводи нашъаовар иҷрокунандаи аввали он мебошад. Тибқи иттилои агентӣ дар маҷмӯъ дар давраи ҳисоботӣ аз тарафи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои қудратии кишвар аз муомилоти ғайриқонунӣ 2 т 735 кг 929 гр маводи нашъаовар мусодира карда шудааст. Дар ин давра аз ҷониби агентӣ 110 ҷинояти вобаста ба маводи нашъаовар ошкор ва ба қайд гирифта шуд, ки нисбат ба соли гузашта 26 ҳолат ё 31 фоиз зиёд мебошад.

Ҳамчунин вобаста ба муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар 205 (дар ҳамин давраи соли 2017-113) ҳодисаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ошкор ва 228 (дар ҳамин давраи соли 2017-151) нафар ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шуда, аз онҳо ба маблағи 150 ҳазору 240 сомонӣ (дар ҳамин давраи соли 2017–159 ҳазору 110 сомонӣ) ҷарима ситонида шуд, ки назар ба соли гузашта шумораи ҳуқуқвайронкуниҳои ошкоргардида 92 ҳолат ё 81,4 фоиз зиёд гардидааст.

Ба ин васила, дар давраи сипаригардидаи соли ҷорӣ аз ҷониби агентӣ аз муомилоти ғайриқонунӣ 628 кг (дар ҳамин давраи соли 2017 – 370 кг) маводи нашъаовар, аз он ҷумла 5 кг 209 гр героин, 309 кг афюн, 91 кг ҳашиш ва 224 кг бангдона мусодира карда шуд, ки дар маҷмӯъ нисбат ба соли гузашта 257 кг 802 гр ё 69,6 фоиз зиёд мебошад. Ҳамчунин дар ин давра 114 ҳабби синтетикӣ ва 16 кг 248 гр (дар ҳамин давраи соли 2017–65 кг) дигар намудҳои моддаҳои нашъаовар (прекурсорҳо) мусодира карда шудаанд.

Дар самти мубориза бар зидди ҷиноятҳои вобаста ба маводи нашъаовар бо дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хадамоти махсуси кишварҳои хориҷӣ ҳамкориҳои байналмилалӣ таҳким ёфта, дар ин давра аз ҷониби агентӣ ҳамагӣ 2 амалиёти оперативии муштарак бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Исломии Афғонистон гузаронида шуда, гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятӣ ошкор ва аз онҳо 120 кг 105 гр маводи нашъадор мусодира карда гардидааст. Ҳамзамон, дар ин давра бо

мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Федератсияи Россия 1 амалиёти оперативии муштарак гузаронида шуда, аз муомилоти ғайриқонунӣ 472 грамм маводи нашъаовар мусодира карда шудааст.

Доир ба ташкил намудани корҳои огоҳонӣ вобаста ба пешгирӣ кардани нашъамандӣ бо ташаббуси бевоситаи агентӣ нақшаҳои муштараки ҳамкорӣ бо Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Кумитаи кор бо занон ва оила, Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиш, инчунин бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияҳои Сино, Исмоили Сомонӣ ва Фирдавсии шаҳри Душанбе ба тасвиб расонида шуданд.

Дар асоси ин нақшаҳо дар баробари гузаронидани чорабиниҳои зиддинашъамандӣ, аз ҷониби кормандони агентӣ дар байни табақаҳои гуногуни иҷтимоии аҳолии кишвар, хусусан наврасон ва ҷавонон, дар ҳамкорӣ бо намояндагони вазорату идораҳои дахлдори ҷумҳурӣ ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе дар байни хонандагони синфҳои болоии 32 мактаби таҳсилоти умумии пойтахти кишвар оид ба пешгирии омилҳои номатлуби замони муосир, аз қабили нашъамандию нашъаҷаллобӣ суҳбату вохӯриҳои маърифатӣ ташкил ва баргузор карда шуданд.

Дар маҷмӯъ дар давраи сипаригардидаи соли 2018 ҷиҳати ташвиқу тарғиби тарзи ҳаёти солим кормандони масъули агентӣ дар ҳамбастагӣ бо намояндагони вазорату идораҳои дахлдор дар байни табақаҳои мухталифи аҳолии ҷумҳурӣ ҳамагӣ 236 вохӯрию мулоқот, 29 семинари омӯзишӣ, 24 мизи мудаввар ва 43 чорабинии оммавӣ ва варзишии зиддинашъамандиро ташкил ва баргузор намуданд. Ҳамчунин тавассути воситаҳои ахбори оммаи кишвар ҳамагӣ 200 баромад, аз ҷумла дар шабакаҳои телевизионӣ 101 ва дар шабакаҳои радиоӣ 38 барномаю гузориш ва дар матбуоти даврӣ 61 мақолаву сюжет омода, пахш ва нашр гардида, аз натиҷаи чорабиниҳои баргузоргардида дар сомонаҳои интернетӣ зиёда аз 77 маълумот ҷойгир карда шуд.

Бо мақсади таҳкими мустақилияти ҳокимияти судӣ (банди 15 нақша) Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон иттилоъ дод, ки ҷиҳати арзёбии амалигардии барномаҳои ислоҳоти судию ҳуқуқӣ ва таҳияи барномаи нав корҳои зарурӣ ба итмом расонида шуданд. Дар самти таъмини ташкили фаъолият ва таъминоти моддию техникии судҳо вобаста ба имкониятҳои молиявӣ чораҳои зарурӣ андешида, биноҳои маъмурии судҳои ноҳияҳои Шаҳристон, Балҷувон, Нуробод, Шамсиддин Шоҳин, Варзоб, Восеъ, Ванҷ, Шуғнон, Сангвор ва Роғун аз нав сохта, ба тамоми таҷҳизоти корӣ муҷаҳҳаз гардонида, ба истифода дода шуданд. Ҳамзамон судҳои ноҳияҳои Вахшу Хуросон бо биноҳои алоҳидаи ҷавобгӯ ба талаботи замони муосир таъмин карда шуданд. Айни замон сохтмони биноҳои нави судҳои ноҳияҳои Данғара, Тоҷикобод ва Кӯҳистони Мастчоҳ идома дошта, дар рӯзҳои наздик дар назар аст, ки бинои суди ноҳияи Тоҷикобод муҷаҳҳаз бо мебел ва тамоми техникаи корӣ мавриди истифодабарӣ қарор дода шавад. Ҳамчунин дар ин давра биноҳои маъмурии судҳои вилояти Суғд ва Вилояти Мухтори Кӯҳистони

Бадахшон, судҳои шаҳру ноҳияҳои Исмоили Сомонӣ, Фирдавсӣ, Сино, Шоҳмансури шаҳри Душанбе, Бохтар, Кӯлоб, Ҷайҳун, Қубодиён, Абдураҳмони Ҷомӣ, Кӯшониён, Фархор, Дарвоз, Рӯшон, Истиқлол, Бӯстон, Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров, Исфара, Гулистон, Истаравшан, Турсунзода, Ҳисор, Рӯдакӣ, Ваҳдат, Лахш ва судҳои ҳарбии гарнизонҳои Хуҷанду Хатлон аз таъмири асосӣ баровварда шуданд.

Мақомоти судии кишвар бо 220 компютери замонавӣ бо пайваст кардан ба шабакаҳои интернетӣ таъмин карда шуда, инчунин ба компютерҳо 100 махзани мутамарказонидашудаи иттилооти ҳуқуқии «Адлия» васл карда шуданд. Ба нақша гирифта шудааст, ки боз дар 6 суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва минтақаи Рашт сомонаҳои интернетӣ кушода шуда, 9 сомонаи кӯҳна ба талаботи замон мувофиқ гардонида шаванд.

Дар давраи мазкур 60 нафар ба вазифаи коромӯз-судяҳо таъин гардида, аз 21 майи соли 2018 дар Маркази таълимии судяҳо тибқи ҷадвали дарсӣ оид ба ҳуқуқи ҷиноятӣ ва мурофиаи ҷиноятӣ (95-соат) ба таълими назариявӣ фаро гирифта, аз 14 июни соли 2018 барои таҷрибаомӯзӣ ба судҳои ҷумҳурӣ сафарбар карда шуданд. Дар баробари ин, дар Маркази таълимӣ омӯзиши Конвенсияи СММ оид ба мубориза бо коррупсия, Нақшаи амалиёти истанбулии мубориза бо коррупсия ва Стратегияи муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020 бо иштироки 65 нафар судяҳо ба роҳ монда шудааст.

Дар нимсолаи якуми соли 2018 ба судяҳои судҳои ҷумҳурӣ 14 адад, аз ҷумла 8 адад ба судяҳои судҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон манзили истиқоматӣ ҷудо гардида, айни замон онҳо дар хонаҳои ободу барҳавои муҷаҳҳаз бо ҳама шароити иҷтимоӣ истиқомат карда истодаанд. Барои судҳои шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ба маблағи умумии 107 331 сомонӣ таҷҳизоти техникӣ, аз қабили, компютер, мебел ва ғайра харидорӣ карда шуда, шароити кории онҳо беҳтар карда шуданд.

Вазорати адлия вобаста ба беҳтар намудани шароити муассисаҳои низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, таъмини кафолатҳои ҳуқуқии дастгиршудагону маҳбусон (банди 16 нақша) иттилоъ дод, ки лоиҳаи Стратегияи ислоҳоти системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ то соли 2025-ро таҳия карда, дар асоси супориши Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон такмил дода истодааст.

Дар иртибот бо банди 18 нақша, ки баргузор намудани чорабиниҳои омӯзишӣ вобаста ба ҳуқуқи инсон ва ташаккули фарҳанги ҳуқуқи инсонро фаро мегирад, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ахбор дод, ки дар доираи амалисозии Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2013-2020 гузаронидани силсилатренингҳо барои намояндагони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва вазорату идораҳо ҷиҳати омода намудани онҳо ҳамчун тренерҳо дар соҳаи ҳуқуқи инсон идома дорад. Барои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ аз воситаҳои ахбори омма низ васеъ истифода бурда мешавад. Дар нимсолаи якуми соли 2018 аз ҷониби кормандони дастгоҳи марказии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон 85 ва аз

ҷониби кормандони намояндагиҳо ва қабулгоҳҳои ҷамъиятӣ 54, ҷамъ 139 баромад дар воситаҳои ахбори омма анҷом дода шудааст.

Дар доираи бандҳои 24 ва 25 нақша Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ корҳои муайянро баҳри беҳсозии вазъи хизматрасониҳои тиббӣ анҷом дод. Барномаи миллӣ оид ба муқовимат ба эпидемияи вируси норасоии масунияти одам дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2020 ва нақшаи татбиқи он ба миқдори 450-ададӣ бо забонҳои давлатӣ, русӣ ва англисӣ нашр гардида, ба шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ дастрас карда шуд. Ҷиҳати иҷрои саривақтӣ ва босифати он қарорҳои раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ қабул гардиданд. Инчунин тибқи қарори қабулгардида нақшаи арзёбӣ ва баҳодиҳии барномаи мазкур таҳия гардида, бо қарори Кумитаи миллии ҳамоҳангсозии пешгирӣ ва мубориза алайҳи бемориҳои вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният (ВНМО/ БПНМ), сил ва табларза дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2017, №40 қабул гардид, ки дар асоси нишондодҳои он имконияти таҳлили иҷрои босифати чорабиниҳо ва натиҷаҳои бадастомада имконпазир мегардад. Тамоми чорабиниҳо дар самти дарёфту муайянсозии сироятёфтагон, таҳқиқҳои эпидемиологӣ бо мақсади дарёфти алоқамандони онҳо, назорати сифати чорабиниҳо, амалисозии озмоишҳои гуногун, пешниҳоди табобати зиддиретровирусӣ ва пешгирикунандаи бемориҳои ҳамрадиф, корҳои пешгирикунанда, чораҳои чиҳати пешгирии сироят аз модар ба кӯдак, чораҳои дар самти пешгирии бехатарии хуни донорӣ ва сироятҳои дохилибеморхонагӣ, нигоҳубин ва кумакҳои паллиативӣ ба гирифторони бемории пайдошудаи норасоии масуният дар доираи иҷрои барномаи мазкур, нақшаи татбиқи он ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дар ин самт қабулгардида амалӣ карда мешаванд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2006 табобати зиддиретровирусӣ ба таври ройгон ба сироятёфтагони ВНМО пешкаш карда мешавад. Тибқи таҳлилҳо дар натиҷаи беҳтар гардидани фарогирӣ ба табобат фоизи фавт дар байни кӯдакони то 18-сола камтар гардида, ин нишондиҳанда аз 18,1% дар соли 2013 то ба 6,3% дар соли 2017 паст гардид.

Ҳамзамон, дар ҷумҳурӣ ниёзмандон бо чорабиниҳои табобатию профилактикии ройгон оид ба ВНМО таъмин карда мешаванд. Шумораи шахсони бо ВНМО зиндагикунанда дар аввали моҳи апрели соли 2018 дар ҷумҳурӣ 7827 нафарро ташкил медиҳад, ки 5531 нафари онҳо таҳти назорати диспансерӣ қарор дошта, 5220 нафари онҳо табобати зиддиретровирусиро идома дода истодаанд. Тамоми доруворихо ба таври ройгон ба ниёзмандон пешниҳод шуда истодааст.

Бо мақсади тарғиби тарзи ҳаёти солим миёни ҷавонон, занон, муҳоҷирони меҳнатӣ ва дигар табақаҳои аҳолӣ аз ҷониби муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии пешгирӣ ва мубориза бар зидди бемории ВНМО», Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиш, муассисаи давлатии "Маркази ҷумҳуриявии ташаккули тарзи ҳаёти солим" ва

муассисаи давлатии “Маркази миллии солимии репродуктивӣ” нақшаҳои муштарак тасдиқ гардиданд. Дар доираи иҷрои нақшаҳои муштарак чорабиниву иқдомҳо оид ба пешгирии сирояти ВНМО ва дигар бемориҳои бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда мунтазам баргузор шуда истодаанд. Дар доираи чорабиниву иқдомҳо дар байни аҳолӣ корҳои фаҳмондадиҳӣ баргузор шуда, маводи таълимию иттилоотӣ ва маводи пешгирикунанда тақсим карда мешаванд. Ҳамзамон, дар ҷараёни баргузории чунин чорабиниҳо хоҳишмандон бо усули тести оҷилӣ ба таври ройгон аз ташхиси ВНМО гузаронида шуда, ба онҳо машварати пеш ва баъдитестӣ пешниҳод карда мешавад.

Дар баробари ин, мутахассисони соҳа дар барномаҳои иттилоотӣ дар телевизиони “Тоҷикистон” ва барномаи “Шифо”-и радиои “Тоҷикистон” ширкат варзида, нисбати манфиати муоинаи тиббии ҷавонон пеш аз никоҳ маълумот доданд.

Бояд қайд намуд, ки бо дар назар доштани сол аз сол зиёд гардидани шумораи сироятёфтагони ВНМО дар Тоҷикистон, инчунин кам гардидани маблағгузориҳо дар самти пешгирӣ ва мубориза бар зидди ВНМО аз ҷониби доноронро ба инобат гирифта, сол аз сол маблағгузории соҳа аз ҳисоби буҷети давлатӣ дар самти пешгирии сирояти ВНМО зиёд шуда истодааст. Мутаассифона, дар самти иҷрои барномаи миллӣ норасоии маблағҳо зиёд ба мушоҳида мерасад.

Бо мақсади мукаммал намудани хизматрасониҳои тиббӣ ба кӯдакони навзод 5 протоколи клиникии давраи навзодӣ боздид карда шуд. Ҳамчунин баҳри беҳтар намудани сатҳи ғизодиҳии кӯдакон Дастурамали табобати кӯдакони гирифтори норасоии ғизои дараҷаи вазнин ва миёна таҳия ва тасдиқ карда шуда, даврҳои омӯзишӣ оғоз гардиданд. Дар ин самт аз тарафи гурӯҳи кории Шӯрои ҳамоҳангсозии Стратегияи рушди устувори ғизои мактабӣ бо иштироки намояндагони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳои Суғду Хатлон гузаронида шуд.

Баҳри таъмини хизматрасонии сифатноки контрасептивӣ ба аҳолӣ бо дастгирии Хазинаи нуфуси Созмони Милали Муттаҳид (ЮНФПА) дар давраи ҳисоботӣ барои тамоми сохторҳои соҳа 8 намуди маводи замонавии пешгирандаи ҳамл мувофиқи талаботи аҳолӣ, ба маблағи умумии 880 113 сомонӣ дастрас карда шуд. Тамоми марказҳои солимии репродуктивии вилоятӣ ва шаҳрию ноҳиявӣ бо 7-8 намуди маводи пешгирандаи ҳамл ва 60% муассисаҳои сатҳи деҳот бо се намуди мавод (истеъмолшаванда, тазриқшаванда ва монеавӣ) таъмин мебошанд.

Дар 5 моҳи соли 2018 63 247 ҳомиладор ба қайди назорати антенаталӣ гирифта шуда, аз ин шумора бақайдгирии саривақтӣ то 12 ҳафтаи ҳомиладорӣ 56 990 нафарро (90,1%) ташкил намуд. Ин нишондод дар вилояти Хатлон 91,3%, вилояти Суғд 93,1%, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 89,6%, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 82,8% ва дар шаҳри Душанбе 96,6%-ро ташкил намуд.

Ҳамзамон дар панҷ моҳи соли 2018 бо мақсади баланд бардоштани сатҳи иттилоотнокии аҳолӣ мутахассисони муассисаи давлатии “Маркази миллии солимии репродуктивӣ” дар кохи “Борбад” бахшида ба “Рӯзи модарон”, муассисаи давлатии “Пажӯҳишгоҳи гастроэнтерологии Ҷумҳурии Тоҷикистон” бахшида ба “Рӯзи саломатӣ”, дар шаҳру ноҳияҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Хатлон, Суғд ва ноҳияи Рашт дар корвонҳои саломатӣ иштирок намуда, ба занони қобили таваллуд ва ҷавондухтарон машварат ва кумакҳои тиббӣ пешниҳод намуданд.

Якчанд маротиба дар боғи фарҳангию истироҳатии “Ирам” рӯзҳои шанбе намоишҳо оид ба солимии оила гузаронида шуд, ки дар рафти он оид ба маводи контрасептивӣ, солимии репродуктивӣ ва танзими оила маълумот дода, ба зиёда аз 3750 зан маводи контрасептивию иттилоотӣ тақсим карда шуд. Ғайр аз ин, дар рафти чорабиниҳои мазкур оид ба масъалаҳои солимии репродуктивӣ, тарзи ҳаёти солим, гигиенаи ҳомиладорӣ, ғизои зани ҳомила, контрасепсияи баъдитаваллудӣ ва оид ба никоҳи хешутабории наздик маслиҳатҳо дода шуд.

Аз ҷониби мутахассисони марказҳои мазкур 5 мақолаи илмию тарғиботӣ дар маҷаллаву рӯзномаҳо оид ба масъалаҳои солимии репродуктивӣ ва танзими оила ба чоп расид.

Бояд зикр дод, ки тибқи нақшаи ҳамкорӣ бо васоити ахбори омма бо мақсади баланд бардоштани маърифати тиббии аҳолӣ аз тарафи мутахассисони муассисаи давлатии “Маркази миллии солимии репродуктивӣ” 15 маротиба гуфтугӯи мустақим тавассути радиоҳои “Озодӣ”, “Имрӯз” ва “Тоҷикистон” дар мавзӯъҳои фишорбаландӣ дар давраи ҳомиладорӣ, ғизои зани ҳомила, назорати антенаталӣ, исқоти ҳамл ва оқибатҳои нохуши он, маводи контрасептивии ҳозиразамони пешгирандаи ҳамли номатлуб, пешгирии сироятёбии ВНМО аз модар ба кӯдак, шири модар беҳтарин ғизо, синамаконии холис, муоинаи ҳатмии навхонадоршавандагон, никоҳи хешутаборони наздик ва оқибатҳои он гузаронида шуд.

Тавассути телевизион аз ҷониби мутахассисони муассисаи давлатии “Маркази миллии солимии репродуктивӣ” 30 маротиба дар телевизиони “Тоҷикистон” ва “Сафина” дар мавзӯъҳои давраи ҳомиладорӣ, ғизои зани ҳомила, синамаконии холис, никоҳи хешутабории наздик ва оқибатҳои он, ҳамчунин оид ба иҷрои бандҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила” ба воситаи барномаҳои “Тандурустӣ”, “Мадади Сино” ва “Субҳ” баромадҳо баргузор гардид.

Нақшаҳои мониторингӣ, ки дар сатҳи ҷумҳурӣ, вилоятҳо, шаҳр ва ноҳияҳо оид ба сифати нигоҳубин ва назорати антенаталӣ аз рӯи ченакҳои баҳодиҳии стандартҳои миллӣ ва хизматрасонии контрасептивӣ гузаронида мешаванд, боиси беҳбудии сифати хизматрасонӣ ва тартиби ҳуҷҷатгузорӣ дар муассисаҳо мегардад. Дар рафти мониторингҳо ҳамчунин дар вохурӣ бо аҳолӣ дар мавзӯъҳои

гуногуни солимии репродуктивӣ ва назорати антенаталӣ суҳбатҳо гузаронида мешавад.

Дар давраи ҳисоботӣ аз тарафи мутахассисони муассисаи давлатии “Маркази миллии солимии репродуктивӣ” дар муассисаҳои тандурустии сатҳи ноҳиявӣ ва деҳотии соҳаи солимии репродуктивии шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон, ҳамчунин дар ноҳияҳои Файзобод, Нуробод, Рашт, Тоҷикобод, Лахш, Ҳисор, Рудакӣ, Шаҳринав, шаҳрҳои Турсунзода, Ваҳдат ва 15 шуъбаи солимии репродуктивии марказҳои саломатии шаҳри Душанбе оид ба сифати назорати антенаталӣ тибқи стандартҳои миллӣ ва хизматрасонии контрасептивӣ мониторинг гузаронида шуд.

Дар ноҳияҳои Балҷувон, Муъминобод, шаҳри Нораки вилояти Хатлон ва дар ноҳияҳои Айнӣ, Бобоҷон. Ғафуров, Ҷаббор Расулови вилояти Суғд аз тарафи мутахассисони муассисаи давлатии “Маркази миллии солимии репродуктивӣ” ва намояндаи Хазинаи нуфуси аҳолии СММ дар Тоҷикистон мониторинг оид ба идоракунии маводи контратсептивӣ дар муассисаҳои КАТС ва муассисаҳои таваллудӣ гузаронида шуд.

Дар вилояти Суғд баҳри омӯзиши фаъолияти хизматрасонии тиббӣ дар самти солимии репродуктивии аҳолӣ ва расонидани ёрии амалӣ - методӣ аз тарафи маркази солимии репродуктивии вилоят дар тамоми марказҳои солимии репродуктивии шаҳру ноҳияҳои вилоят 54 маротиба мониторингҳои нақшавию ғайринақшавӣ гузаронида шуд. Камбудиҳое, ки дар рафти чорабиниҳои мазкур ошкор карда шуда буданд, бо роҳбарони шабакаи муассисаҳои КАТС, директори маркази миллии солимии репродуктивӣ ва шахсони масъул баррасӣ шуда, барои бартараф намудани он нақша - чорабиниҳои мушаххас тартиб дода шуданд.

Ҳамчунин дар вилояти Хатлон аз тарафи кормандони маркази солимии репродуктивии вилоятӣ ва марказҳои шаҳру ноҳияҳои вилоят 93 маротиба мониторингҳо мувофиқи нақша анҷом ёфта, ёрии амалию методӣ ба марказҳои солимии репродуктивии шаҳру ноҳияҳо, алалхусус муассисаҳои сатҳи деҳот расонида шуд.

Нишондоди фавти модарон дар 5 моҳи соли 2018 29,0 нисбат ба 100000 зиндатаваллудро ташкил намуд (соли 2017–26,7). Фоизи истифодабарандагони маводи контрасептивӣ дар байни занони қобили таваллуд 37,7% ва зоишҳои хонагӣ 3,8%-ро ташкил намудааст.

Барои харидории маводи контрасептивӣ аз тарафи Хазинаи нуфуси аҳолии Созмони Милали Муттаҳид 166 000 доллари ИМА, аз тарафи Ҳукумати Ҷопон 267 000 доллари ИМА ва аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 24 000 доллари ИМА маблағҳо ҷудо гардидаанд.

Дар самти беҳтар намудани сатҳи солимии модарону кӯдакон дар ин давра дар доираи амалисозии лоиҳаи “Беҳтаркунии ғизодиҳӣ дар ноҳияҳои таъминотнокии ғизояшон дар сатҳи ноустувор қарордоштаи вилояти Хатлон” бо дастгирии Ҳукумати Ҷопон ва Бонки Умумиҷаҳонӣ дар ноҳияҳои таҷрибавии вилояти Хатлон барои кӯдакон ва занони

ҳомила маводи микронутриентии “Спринклс” ва ҳаби “Туршии фолат ва оҳан” харидорӣ гардида, дастрас шуданд.

Буҷети соҳаи тандурустӣ дар 10 соли охир дар ҷумҳурӣ аз 386,8 миллион ба 1 миллиарду 551 миллион сомонӣ расонида шуд, ки ин нисбат ба соли 2009 4 маротиба зиёд мебошад. Нисбати буҷети умумии давлатӣ соли 2009 6,4 фоиз ва соли 2018 7,3 фоиз ва нисбати маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ соли 2009 1,9% ва соли 2018 2,3 фоизро ташкил медиҳад. Ҳамзамон, буҷети соҳаи тандурустӣ дар соли 2018 (1 миллиарду 551 миллион сомонӣ) нисбат ба соли 2017 (1 миллиарду 441 миллион сомонӣ) 7,6%, ё ин ки 110 миллион сомонӣ зиёд гардидааст.

Буҷети нимсолаи якуми соли 2018 ба муассисаҳои соҳаи тандурустии ҷумҳурӣ ҷудошуда 609 миллиону 453 ҳазор сомонӣ мебошад, ки аз ин 503 миллиону 576 ҳазор сомонӣ аз худ карда шудааст ва он 82,6%-ро ташкил медиҳад.

Аз ҳисоби маблағҳои махсуси муассисаҳои соҳаи тандурустӣ дар давраи сипаригардида нақша 103 миллиону 590 ҳазор сомонӣ буда, иҷрои он 96 миллиону 643 ҳазор сомонӣ, ё ин ки 93,3%-ро ташкил медиҳад.

Ба муассисаҳои соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар соли 2018 130 миллиону 470 ҳазор сомонӣ ҷудо гардидааст, ки ин нисбат ба соли 2017 (80 миллиону 218 ҳазор сомонӣ) 62,6%, ё ин ки 50 миллиону 252 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад ва ин зиёдшавӣ аз ҳисоби маблағҳои пардохти кумакҳои унвонии иҷтимоӣ ба оилаҳои камбизоат мебошад.

Буҷети нимсолаи якуми соли 2018 ба муассисаҳои соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ҷудошуда 46 миллиону 151 ҳазор сомонӣ мебошад, ки аз ин 32 миллиону 769 ҳазор сомонӣ аз худ карда шудааст ва ин 71,0%-ро ташкил медиҳад. Аз ҷумла, аз ҳисоби маблағҳои махсуси муассисаҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар давраи сипаригардида 731 ҳазор сомонӣ ба нақша гирифта шуда, иҷрои он 245 ҳазор сомонӣ, ё ин ки 33,5%-ро ташкил медиҳад.

Ҳамзамон дар давраи сипаригардида аз ҳисоби муоинаҳои ҳатмии пешакӣ ва давравии тиббӣ дар муассисаҳои системаи давлатии тандурустии ҷумҳурӣ 12 миллиону 250 ҳазор сомонӣ ба нақша гирифта шуда, иҷрои он 9 миллиону 635 ҳазор сомонӣ, ё ин ки 78,7 фоизро ташкил дод.

Аз ҷониби марказҳои хизматрасонии иҷтимоӣ ва марказҳои хизматрасонии иҷтимоӣ дар хонаи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҷиҳати пешгирии хушунат ва табъиз нисбати кӯдакон дар маҳалҳо корҳои фаҳмондадиҳӣ ба роҳ монда шудааст.

Бандҳои 26 ва 27 нақшаи таҳкими ҳуқуқ ба таҳсилот, мусоидат ба фарогирии занону духтарони деҳот бо таҳсилот ва мусоидат ба рушди таҳсилоти фарогирро пешбинӣ мекунад. Тибқи маълумоти пешниҳодкардаи Вазорати маориф ва илм ба таҳсил фаро гирифтани шаҳрвандоне, ки дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ хоҳиши таҳсил кардан доранд, тамоми шароитҳо муҳайё буда, маҳдуд намудани ҳуқуқи ягон нафар новобаста аз миллату халқият дар кишвар

вуҷуд надорад. Таваҷҷуҳи аз ҳама бештар ба таҳсили духтарон дода шуда, дар дурдастарин минтақаҳои кишвар муассисаҳои таълимии ба талаботи давр ҷавобгӯ сохта, ба истифода дода шудаанд ва барои идомаи таҳсил шароити мусоиди таълимиро фароҳам овардаанд. Ҳамин тариқ, дар ҳамаи маҳалҳои ҷумҳурӣ муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ фаъолият дошта, барои ҷалби бештари духтарон ба таҳсил шароит фароҳам овардаанд. Масалан, ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти касбии тиббии ҷумҳурӣ 80% донишҷӯёнашон духтарон буда, дар коллеҷҳои омӯзгорӣ ва литсейҳои касбии техникие, ки касбҳои коргарии марбут ба ҳунару ихтисосҳои занона омода менамоянд, теъдоди донишҷӯёнашон аз писарон ба маротиб бештар аст.

Тарғибу ташвиқи духтарон аз маҳалҳои дурдаст барои таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ доимӣ сурат гирифта, шароити мусоиди иҷтимоӣ, таъмин бо стипендия, хобгоҳ ва дигар имтиёзҳо барои духтарони ятим, бепарастор ва оилаҳои камбизоат фароҳам оварда шудааст.

Солҳои 2014-2015 бо мақсади таъмини ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон барои гирифтани таҳсил дар маҳаллаҳои дурдасти ҷумҳурӣ бо дастури вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми муассисаҳои таълимӣ тағйир дода шуда, тибқи маълумотҳо 144 муассисаи таълимӣ, аз ҷумла 47 муассисаи таҳсилоти ибтидоӣ ба умумии асосӣ ва 97 муассисаи таҳсилоти умумии асосӣ ба таҳсилоти миёнаи умумӣ табдил дода шудааст. Тадбирҳои амалигардида имконият фароҳам овард, ки аз як тараф мушкилот ва хатари роҳ дар фаслҳои гуногуни сол барои хонандагон бартараф ва аз тарафи дигар пеши роҳи аз таҳсил дур мондани ҷавонписарон ва духтарон дар минтақаҳои кӯҳистон гирифта шавад.

Дар ин давра дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ 3870 муассисаи рӯзона, аз ҷумла 352 муассисаи таҳсилоти умумии ибтидоӣ, 489 муассисаи таҳсилоти умумии асосӣ ва 3029 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ фаъолият менамояд. Аз таҳлилҳо бармеояд, ки теъдоди муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ 12 адад ва умумии асосӣ 33 адад кам гардида, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ 50 адад зиёд гардидааст.

Аз соли таҳсили 2017-2018 дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ яке аз шаклҳои нисбатан пешқадами таълим - таҳсилоти фосилавӣ ба роҳ монда шуда, маводи зарурии таълим ва барномаҳои таълими электронӣ омода карда шуд. Дар ин замина Низомномаи таҳсилоти фосилавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 майи соли 2017, №7/35 тасдиқ гардид. Инчунин нақшаи қабули донишҷӯён тавассути таҳсилоти фосилавӣ ва нақшаи намунавии таҳсилоти фосилавӣ таҳия ва тасдиқ гардид, ки тибқи нақша ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ 2220 нафар ба шакли таҳсилоти фосилавӣ дар соли 2017 қабул гардид. Бояд тазаккур дод, ки талаботи асосии ташкили раванди таълим дар низоми таҳсилоти фосилавӣ мавҷуд будани заминаи моддию техникӣ ва барномаи электронии идоракунии

раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мебошад. Ба ин хотир, имрӯзҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ 976 китобхонаи электронӣ, 771 синфхонаи компютерӣ бо 8670 компютери корӣ, 1080 тахтаи электронӣ, 1952 проектор, 869 сканер ва 1230 нусхабардор фаъол аст. Дар муассисаҳои таълимӣ 8682 компютер бо интернет пайваст мебошад. Ҳамзамон, Барномаи ягонаи идоракунии раванди таҳсилоти фосилавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи талаботи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба татбиқи низомҳои таҳсилоти кредитӣ ва фосилавӣ, ҳамчунин нишондиҳандаҳои дигари танзимкунандаи раванди таълим ва назорати сатҳи сифати таҳсилот омода ва имрӯз мавриди истифодаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар қарор дорад.

Айни ҳол дар муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ 6584 (2611 духтар) нафар маъюб ба таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ фаро гирифта шудаанд. Дар муассисаи томактабии ҷумҳурӣ 392 (аз онҳо 144 духтар) кӯдаки синни томактабии имконияти маҳдуддошта таълиму тарбия мегиранд.

Аз тарафи Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ва филиалҳои он соли 2018 19 курси такмили ихтисос барои мураббиён, сармураббиён, мудирони хонаҳои кӯдакон бо фарогирии 299 нафар курсҳо оид ба таҳсилоти фарогир гузаронида шуданд. Инчунин барои омӯзгорони Донишкадаи такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ва филиалҳои он, кормандони муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ як курси омӯзишӣ аз тарафи мутахассисони Санкт – Петербург бо фарогирии 43 нафар омӯзгор гузаронида шуд.

Андешидани тадбирҳо ҷиҳати ҳимояи ҳуқуқи маъюбон дар банди 28 нақша пешбинӣ гардида, вобаста ба он Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ иҷрокунандаи аввал муайян карда шудааст. Бо мақсади татбиқи самаранок ва мониторинги мунтазами амалисозии Барномаи миллии тавонбахшии маъюбон барои солҳои 2017-2020, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 октябри соли 2016, №455 тасдиқ шудааст, бо фармоиши вазорат аз 20 марти соли 2018, №268 Шӯрои байнисоҳавии ҳамоҳангсозӣ оид ба татбиқи барномаи мазкур таъсис дода шуда, низомномаи шӯро, ҳайат ва нақшаи кории он тасдиқ карда шуд.

Бо мақсади пешгирӣ намудани маъюбшавӣ дар байни кӯдакон дар шуъбаҳои кӯдаконаи муассисаи давлатии “Маркази ҷумҳуриявии илмии ҷарроҳии дилу рагҳо” 43 кӯдаки гирифтори бемории нуқсони модарзодии дил бистарӣ гардида, 16 нафари онҳо аз ташхиси ангиокардиография гузаронида шуд. Ҳамзамон 41 кӯдак ҷарроҳӣ карда шуд. Дар маркази дилу шараёни вилояти Суғд дар ин давра ба 17 кӯдак ва дар умум ба 58 нафар кӯдакон амалиёти ҷарроҳии нуқсони модарзодии дил гузаронида шуда, дар ҳамин раванд регистри беморони гирифтори нуқсони модарзодии дил ташкил карда шуд.

Инчунин бо мақсади барқарорсозии саломатии кӯдакони маъюб дар се моҳи соли 2018 ба 97 кӯдаки гирифтори бемориҳои нуқсони лабу ком, ба 10 кӯдаки гирифтори бемории фалаҷи кӯдаконаи мағзи сар, ба 13 кӯдаки гирифтори бемории чурраи ҳароммағз ва ба 1 кӯдаки гирифтори бемории фалаҷ амалиёти ҷарроҳӣ гузаронида шуд.

Дар раванди пешгирии паёмадҳои нохуши никоҳи хешутаборӣ, пешгирии таваллуди кӯдакони маъюб ва дар ин самт паст намудани беморшавӣ ва маъюбӣ дар муассисаи давлатии "Маркази ҷумҳуриявии тиббию генетикӣ" дар 3 моҳи соли 2018 1741 зан аз ташхиси фаросавтӣ гузаронида шуда, 88 нуқсони дохилибатнии тифл (5%) дар давраи барвақти ҳомиладорӣ дарёфт гардида, ҳомиладории онҳо қатъ карда шуд.

Дар 57 нафари дигар аз натиҷаи скрининги биохимиявӣ хавфи баланди бемориҳои хромосомӣ дарёфт карда шуд. Дар 55 зани ҳомила нуқсонҳои дохилибатнӣ ва маркерҳои бемориҳои хромосомию генӣ пайдо карда шуд, ки 20 нафар ё 36,4% аз никоҳи хешутаборӣ мебошад. Дар 7 нафар таҳлили КДН-и падарӣ гузаронида шуд.

Инчунин дар муассисаи давлатии "Пажӯҳишгоҳи акушерӣ, гинекологӣ ва перинатологӣ" 1240 зани ҳомила аз ташхиси ултрасадо гузаронида шуд, ки дар 66 (5,3%) зани ҳомиладор нуқсонҳои модарзодии тифл муайян карда шуда, ҳомиладории 53 (80,3%) нафари онҳо қатъ карда шуд.

Дар доираи татбиқи Барномаи давлатии тавонбахшии маъюбон барои солҳои 2017 - 2020, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 октябри соли 2016, №455 тасдиқ гардидааст, 20 январи соли 2018 мизи мудаввар бахшида ба муаррифии расмии барномаи мазкур ва муайяннамоии самтҳои ҳамкорӣ ва фаъолият ҷиҳати таҳияи нақшаи байнисоҳавии татбиқи он баргузор гардид. Дар чорабинии мазкур 250 мутахассис аз вазорату идораҳои дахлдор ва шарикони рушд иштирок намуданд. Барнома дар шакли китоб бо забонҳои давлатӣ, русӣ ва англисӣ ва ба шахсони нобино бо ҳуруфи Брайл омода шуда, дастрас гардид. Нақшаи қабулгардидаи барномаи мазкур зина ба зина амалӣ шуда истодааст.

Бо мақсади пешгирӣ ва табобати кӯдакони гирифтори бемориҳои гидросефалия ва спина бифида 52 табиби нейроҷарроҳ, асабшинос, табибони оилавӣ ва неонатологҳо аз шаҳри Хуҷанд ва муассисаи давлатии "Маркази миллии тиббии Тоҷикистон "Шифобахш" омӯзонида шуданд.

Бо дастгирии филиали ассотсиатсияи ташкилоти Олмонии "Каритас" оид ба муайянкунии барвақтӣ ва дахолати саривақтии вайроншавии инкишофи ҷисмонӣ ва ақлонӣ-рӯҳии кӯдакон дар синни барвақтӣ омӯзиш гузаронида шуда, 38 мутахассис омода гардид. Дар марказҳои саломатии шаҳри Душанбе ва вилояти Хатлон фаъолияти ин мутахассисон оғоз гардидааст.

Дар баробари ин, дар ҳамкорӣ бо ЮНИСЕФ маъракаи иттилоотӣ бо мақсади баланд бардоштани маърифатнокӣ ва огоҳии шаҳрвандон

оид ба масъалҳои маъюбӣ, махсусан кӯдакон, ба роҳ мондани муносибати башардӯстона бо онҳо ва воридсозӣ ба ҷомеа баргузор гардиданд. Вобаста ба ин варақаҳои иттилоотӣ, филмҳои тасвирӣ ва гуфторҳои радиоӣ таҳия гардиданд ва барои пешниҳоди аҳолӣ намудан тавассути васоити ахбори омма мувофиқа ҳосил гардидааст.

Дар доираи банди 29 нақша чорабиниҳои мушаххас ҷиҳати таъмини ҳуқуқ ба озодии эътиқод ба нақша гирифта шудаанд. Кумитаи оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллӣ вобаста ба амалинамоии онҳо ҳисобот манзур намуд. Дар давоми нимсолаи якуми соли 2018 аз ҷониби масъулини кумита ҷиҳати таъмини ҳуқуқи шаҳрвандон ба озодии виҷдон ва эътиқоди динӣ тадбирҳои муайян ба анҷом расонида шуд. Аз ҷумла, дар ноҳияҳои шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, вилоятҳои Суғду Хатлон дар масъалаҳои озодиҳои динӣ ва таҳаммулпазирии мазҳабӣ, пешгирии табъизу ҳуқуқпоймолкунӣ, таҳкими фарҳанги оиладорӣ ва истифодаи зарфияти ходимони дин дар пешгирии зӯроварӣ дар оила суҳбату мулоқотҳо баргузор шуда, пешбурди корҳои тарбиявӣ дар самти мазкур дар байни ҷавонон ва гуруҳҳои мухталифи ҷомеа ба роҳ монда шуд. 15 марти соли 2018 дар хамкорӣ бо Кумитаи ҷавонон ва варзиш бо иштироки намояндагони вазорату идораҳо, муассисаҳои илмӣ ва кормандони соҳа мизи мудаввар дар мавзӯи “Ҷалби ҷавонон ба корҳои созандагӣ ва нақши он дар пешгирии ифротгароӣ” баргузор шуда, дар он масъалаҳои рӯзмарраи ҳаёти ҷамъиятӣ, аз ҷумла таъмини ҳуқуқ ба эътиқоди динӣ низ матраҳ карда шуд. Кормандони кумита дар якҷоягӣ бо бахшҳо оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллии шаҳру ноҳияҳо вобаста ба масъалаҳои матраҳгардида мақолаҳои иттилоотӣ – маърифатӣ таҳия намуда, дар сомонаи www.din.tj ва дигар матбуоти даврӣ нашр намуданд. Инчунин дар давраи мазкур дар маҷаллаи “Дин ва ҷомеа” шумораи зиёди мақолаҳо вобаста ба мавзӯи мазкур ба чоп расиданд.

Аз ҷониби масъулини кумита барои имомхатибони масҷидҳои ҷомеъ мавъизаҳои ҳарҳафтаинаи тавсиявӣ таҳия ва пешниҳод карда шуданд, ки дар давраи мазкур 11 адади он мавзӯъҳои муқаддасот ва фазилати оила, банақшагирии оила, ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак дар оила, пешгирии хушунати оилавӣ ва зӯроварӣ алайҳи фарзанд, пошхӯрии оилаҳои ҷавон, оқибатҳои никоҳи бармаҳал ва кароҳияти никоҳи хешутабориро фаро гирифтанд.

Бахри пурзӯр намудани корҳои таблиғотию фаҳмондадиҳӣ масъулини кумита дар барномаҳои телевизионҳои «Тоҷикистон», «Сафина», «Ҷаҳоннамо», «Синамо» ва «Душанбе», радиоҳои «Садои Душанбе», «Фарҳанг» ва «Ховар» доир ба фаҳмондадиҳии қонунгузории соҳавӣ, ҳуқуқи инсон ва дигар масъалаҳои муҳими ҳаётӣ баромаду мусоҳибаҳо анҷом доданд.

Ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи маълумотнокии ҳуқуқӣ ва динии аҳолӣ, фаҳмонида додани мазмуни санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон ва амалисозии стратегияҳои миллии муқовимат бо

коррупсия, пешгирии нашъамандӣ ва ифротгароиву терроризм аз ҷониби кормандону масъулони мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба дин бо ҷалби намояндагони иттиҳодияҳои динӣ ва олимони ҷумҳурӣ дар давраи мазкур зиёда аз 500 семинару мизи мудаввар, 6 ҳазор мулоқоту вохӯрӣ, 300 барномаи радиоӣ ва телевизионӣ баргузор гардида, 350 мақола дар воситаҳои ахбори омма ба чоп расид ва ба зиёда аз 40 ҳазор муроҷиати шифоҳиву хаттии шаҳрвандон посуххо дода шуд.